*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №154 (4894) | ЧОРШАНБЕ, 25 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад




## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУСИЯ

**24-уми декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар вохӯрии ғайрирасмии сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазири энергетика ва захираҳои об ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**24-уми декабри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ вориди шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия шуданд.**

Дар фурудгоҳи «Пулково» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Федератсияи Русия самимона пазирой карданд.

**24-уми декабри соли равон дар шаҳри Санкт-Петербург Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин мулоқоти корӣ анҷом доданд.**

Дар вохӯрӣ ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Русия баррасӣ шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба Президенти Федератсияи Русия барои даъват ва пазироии гарм арзи сипос намуданд.

Сарони ҳар ду давлат ҳамдигарро бо наздик омадани Соли нави мелодӣ табрику таҳният гуфтанд.

Зимни баррасии масоили ҳамкории ҳар ду кишвар, аз ҷумла зикр гардид, ки аз рӯйи натиҷаҳои соли равон Русия ҳамоно шарики асосии иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Гардиши мол миёни ҳар ду кишвар 19,8 дарсад афзун гардида, ҳаҷми он ба 1,79 миллиард доллари амрикоӣ баробар шудааст.

Тавре зикр гардид, ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, илму техника, маориф ва фарҳанг низ бемайлон густариш меёбад.

Масъалаҳои ҳамкорӣ дар самти таъмини амну субот, аз ҷумла амнияти иттилоотӣ, дар маркази таваҷҷуҳ қарор доштанд.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин, доир ба рушди ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла ИДМ, ки раёсат дар он аз соли нав ба Тоҷикистон мегузарад, сурат гирифт.

**25-уми декабри соли 2024 дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия мулоқоти ғайрирасмии дӯстонаи сарони кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуданд.**

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба Президенти Федератсия Русия муҳтарам Владимир Путин барои даъват ва меҳмоннавозии анъанавӣ арзи сипос намуда, иштирокдорони вохӯриро бо наздик омадани Соли нави мелодӣ табрику шодбош гуфтанд.

Ҳамчунин, таъкид карда шуд, ки аз соли нав раёсат дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Тоҷикистон мегузарад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори бовар намуданд, ки раёсати Тоҷикистон дар доираи консепсия ва нақшаи чорабиниҳои пешниҳоднамудаи кишвари мо бо мусоидати дигар давлатҳои иштирокдори ИДМ босамар ҷараён хоҳад гирифт.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо атрофи доираи васеи масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.

**www.prezident.tj**

## БАРҚИЯҲОИ ТАСАЛЛӢ

**25-уми декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев барқияи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**



**«Муҳтарам Илҳом Гейдарович,**

Хабари фоҷиабори суқути ҳавопаймои мусофирбари ширкати ҳавопаймоии Озарбойҷонро дар наздикиҳои фурудгоҳи шаҳри Актауи Ҷумҳурии Қазоқистон, ки боиси талафоти зиёди ҷонӣ гардид, бо ҳиссиёти ҳамдардӣ ва андуҳи амиқ дарёфтам.

Таъзияву тасаллияти инҷонибро ба наздикону пайвандони фавтидагон иброз намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳам».

**25-уми декабри соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Раиси Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон Сагиба Алӣ гизӣ Гафарова барқияи тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Муҳтарам Сагиба Алӣ гизӣ,**

Хабари суқути ҳавопаймои ширкати ҳавопаймоии Озарбойҷон дар Актау маро сахт андуҳгин кард.

Аз номи худам ва аз номи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумо, инчунин, ба пайвандону наздикони мусофирони фавтида изҳори ҳамдардии самимӣ менамоям. Ба ҳамаи осебдидагон шифои оҷил таманно дорам».

Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## МУҲЛАТИ ҚОНУНИ АВФИ ДОРОИҲО ТАМДИД ШУД



**Бисту панҷуми декабри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 51 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## РУСТАМ ЛАТИФЗОДА - РАИСИ НАВИ ҲАТ

**24-уми декабри соли равон дар шаҳри Душанбе Анҷумани IX Ҳизби аграрии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар кори он 221 вакил аз кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизб иштирок карданд.**



Дар анҷуман фаъолияти ҳизб, иштироки Ҳизби аграрии Тоҷикистон дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, интихоби раис ва ҳайати Кумитаи марказии Ҳизби аграрии Тоҷикистон, пешбарии номзадҳо ба вакилӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва барномаи пешазинтихоботии Ҳизби аграрии Тоҷикистон баррасӣ гардид.

Бо ҳамин тартиб, бо ҷонибдории вакилони анҷуман Рустам Латифзода бори дигар раиси Ҳизби аграрии Тоҷикистон интихоб шуд.

Ҳамчунин, вакилони анҷуман номзадии 13 аъзои фаъоли ҳизбро ба вакилӣ дар интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ пешниҳод намуданд.

## ҲИИТ 12 НОМЗАД ПЕШНИҲОД КАРД

**Бисту панҷуми декабри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе Анҷумани XI Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар кори он 180 вакил аз кумитаҳои ҳизбии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ иштирок доштанд.**

Рӯзномаи анҷуман масъалаҳо оид ба фаъолияти Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон аз соли 2019 то соли 2024 ва вазифаҳои минбаъдаи ташкилотҳои ҳизбӣ барои солҳои 2025-2030, интихоби ҳайати Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, интихоби ҳайати комиссияи марказии тафтишотии Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, пешбарии номзадҳо ба вакилӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва барномаи пешазинтихоботии Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030-ро фаро гирифта, аз рӯи онҳо раиси ҳизб Ғиёсиддин Ашурзода баромад кард.

Ҳамин тариқ, вакилони анҷуман номзадии 12 аъзои фаъоли ҳизбро ба вакилӣ дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ пешниҳод намуданд.



**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# МУҲЛАТИ ҚОНУНИ АВФИ ДОРОИҲО ТАМДИД ШУД



(Идома аз саҳ. 1)

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳҳобзода Назрулло ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 7 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа «плюс» (ЛДСК+)»**

**2. Оид ба Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, номгӯйи вазифаҳо ва сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Муассисаи давлатии «Идораи рӯзномаи «Садои мардум» барои соли 2025».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа «плюс» (ЛДСК+)» сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа «плюс» (ЛДСК+)», ки 4 ноябри соли 2024 дар шаҳри Рим ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Ҳаҷми маблағгузорӣ дар доираи созишномаи мазкур барои лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа «плюс» (ЛДСК+)» 39,0 млн. доллари амрикоиро ташкил дода, 30,0 млн. доллари амрикоии он грант ва 9,0 млн. доллар қарзи имтиёзнок мебошад.

Шартҳои маблағгузории қисмати қарзи он - муҳлати бозпардохт 40 сол, аз ҷумла давраи имтиёзнок 10 сол ва меъёри фоиз барои хизматрасонӣ 0,25 фоиз дар як сол ва ҳаққи нигоҳдории маблағ 0,50 фоиз пешниҳод гардидаанд.

Шартҳои пешниҳодгардидаи қарз пурра ба меъёрҳои «Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ» мутобиқат намуда, он пурра қарзи имтиёзнок ҳисобида мешавад.

Мақсади асосии лоиҳа баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми деҳот, тақвият бахшидани амнияти озуқаворӣ ва рафъи осебпазирии аҳолӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим мебошад. Илова бар ин, дар доираи лоиҳаи мазкур беҳтар намудани сатҳи зиндагии зиёда аз 100000 хонаводаи камбизоат дар 400 деҳаи ноҳияҳои алоҳидаи вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар назар дошта шудааст.

Лоиҳа аз чор ҷузъи асосии ба ҳам алоқаманд иборат мебошад.

Ҷузъи 1 ба самти таҳкими иқтидори муассисаҳои дахлдори давлатӣ барои идоракунии захираҳои табиии ба тағйирёбии иқлим тобовар равона мегардад. Дар доираи ин ҷузъ амалисозии корҳо марбут ба таҳкими иқтидори муассисаҳои давлатӣ оид ба идоракунии захираҳои табиии ба тағйирёбии иқлим тобовар, ҷорӣ намудани мониторинг ва идоракунии захираҳои табиии омехтаи фосилавӣ ва муштарак, баланд бардоштани иқтидори техникии муассисаҳои чорводорӣ, инчунин, дастгирии муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва академӣ дар беҳтар намудани идоракунии захираҳои табиии ба тағйирёбии иқлим тобовар дар назар дошта шудааст.

Ҷузъи 2 ба самти сармоягузорӣ ба иқтидори ҷомеа барои мутобиқшавӣ ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим рабт дорад. Ҷузъи мазкур дар ноҳияи зерҳадаф 400 нақшаи амали ҷомеаҳои ба тайғирёбии иқлим ҳассосро таҳия ва татбиқ менамояд.

Ҷузъи 3-юм дар самти тақвияти воситаҳои зиндагӣ барои устувории мукаммал тавассути равандҳои бозоргонӣ татбиқ мегардад. Дар доираи ҷузъи мазкур ба хоҷагиҳои фермерии хурд хизматрасониҳои бордоркунии сунъӣ ва солимгардонии чорво бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокии бахши чорводорӣ, таъсиси иттиҳодияҳои пурмаҳсул байни гурӯҳҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти чорводорӣ, инчунин, таҳкими таҷрибаи истеҳсолии ба тағйирёбии иқлим тобовар амалӣ карда мешавад.

Ҷузъи 4 ба самти идоракунии лоиҳа рабт дошта, дар доираи маблағгузории идоракунии умумии лоиҳа таъмин мегардад.

Лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа «плюс» (ЛДСК+)» дар якҷоягӣ бо Муассисаи давлатии «Маркази идораи лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» ва Маркази татбиқи лоиҳаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. Лоиҳаи мазкур соли 2024 оғоз гардида, соли 2031 ба анҷом мерасад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи пешниҳодгардидаро дастгирӣ ва тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мавзуна Шамсидинзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавзуна ШАМСИДИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа «плюс» (ЛДСК+)» 30 октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе ва 4 ноябри соли 2024 дар шаҳри Рим ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дар бораи мазмуну муҳтавои созишномаи мазкур муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти мушаххас пешниҳод намуданд. Танҳо як нуктаро илова карданиам, ки дар доираи татбиқи созишнома оид ба мусоидат ба гузариши кишвар ба рушди устувор, кам кардани партовҳо ба муҳити зист ва истифодаи усулҳои истеҳсолоти кишоварзии ба иқлим мутобиқ дар 21 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин замина, ҳадафи татбиқи лоиҳа ба таҳкими иқтидори бахши давлатӣ дар идоракунии захираҳои табиии ба иқлим тобовар, беҳтар кардани банақшагирии ҷамоатҳо ва дастрасӣ ба захираҳои сармоягузорӣ барои идоракунии экосистемаҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, дастгирӣ тавассути равишҳои бозории диверсификатсияи манбаъҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ҳамчун унсури устуворӣ ба тағйирёбии иқлим равона гардидааст, ки ба ҳадафу афзалиятҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» пурра мутобиқат менамояд.

Созишномаи мазкур тибқи Дастури Маҷлиси намояндагон тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ҳамаи кумитаҳо ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон тасдиқи онро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур бо моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа «плюс» (ЛДСК+)» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири корҳои хориҷӣ Содиқ Имомӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Содиқ ИМОМӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо масъала «Оид ба Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон» пешниҳод мегардад.

Аҳдномаи мазкур зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 августи соли 2024 аз тарафи сарони ду давлат ба имзо расида, он робитаҳои ҳар ду кишвари дӯстро ба сатҳи олии равобити байнидавлатӣ мебарорад.

Иқдоми мазкур ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ ва созгори ҳадафҳои сиёсати хориҷии Роҳбари давлат мебошад, ки он аз васеъ гардонидани теъдоди шарикони боэътимоди хориҷӣ ва бо ин васила, таҳиясозии фазои созандаи беруна барои таъмини рушди устувори кишварамон иборат мебошад.

Ҳамчунин, он натиҷагирӣ аз таҷрибаи ғании беш аз сисолаи муносибатҳои ҳар ду кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ буда, ба умумияти чандинасраи таърихӣ, маънавӣ ва фарҳангии мардумонамон асос меёбад.

Дар ҳақиқат, тайи ин солҳо ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Қазоқистон ба роҳ монда шуданд, ки ҳамаи арсаҳоро дар бар мегиранд. Имрӯз ин кишвар шарики боэътимоди Тоҷикистон буда, дар таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, тақвияти неруи мудофиавӣ ва рушди бемайлони иқтисодӣ саҳми назаррас дорад.



Ҳамчунин, Қазоқистон ба ҷумлаи шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон шомил буда, ҳаҷми савдои мутақобила солҳои наздик ба 2 миллиард доллар хоҳад расид. Дар кишвари мо даҳҳо корхонаҳо бо сармояи қазоқистонӣ фаъолият менамоянд ва ин раванд сол то сол тақвият меёбад.

Ҳар ду давлат робитаҳои фарогири илмию фарҳангӣ ва гуманитариро ба роҳ мондаанд, ки ҷавобгӯи манофеи муштарак мебошанд. Мисоли инро мо дар фаъолияти ҳазорон нафар хатмкунандагони макотиби олии Қазоқистон, минҷумла низомӣ, дар арсаҳои гуногун дар Тоҷикистон дида метавонем. Хулоса, аҳдномаи ба самъи шумо пешниҳодшуда намунаи барҷастаи татбиқи муваффақонаи сиёсати хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, сарони давлатҳо дар таҳкими робитаҳои дуҷониба ҳамарӯза нақши бузург мебозанд. Аҳдномаи мазкур аз 26 модда иборат буда, муқаррароти моддаҳои он ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон дар самтҳои сиёсӣ, аз ҷумла робитаҳои байнипарламентӣ, соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, технологӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ, ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва чолишу таҳдидҳои дигар ба амнияти байналмилалию минтақавӣ дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба заминаи устувори ҳуқуқиро муҳайё месозад. Муҳтавои санади пешниҳодшуда бар зидди манфиатҳои дигар давлатҳо равона нашудааст ва ба робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ таъсири манфӣ нахоҳад расонд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи аҳдномаи мазкурро ҷонибдорӣ кунед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саодатшо Матробиён дода мешавад. Марҳамат.

**Саодатшо МАТРОБИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии



Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба хотири эътибори ҳуқуқӣ (ратификатсия) пайдо намудан ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Он 22 августи соли 2024 дар шаҳри Душанбе зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида, баъд аз тасдиқ (ратификатсия) ва мубодилаи тасдиқномаҳо мавриди амал қарор хоҳад гирифт.

Санади зикршуда аз 26 модда иборат буда, он дар оянда имкон медиҳад, ки муносибат ва ҳамкориҳои минтақавӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, технологӣ, иттилоотӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ, ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, савдои ғайриқонунии силоҳ, ҷинояткории киберӣ ва чолишу таҳдидҳои дигар ба амнияти байналмилалию минтақавӣ дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба ба роҳ монда шавад.

Аҳдномаи зикршуда аз нигоҳи сиёсати хориҷӣ мувофиқи мақсад буда, ба «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад. Муҳтавои он бар зидди давлатҳои минтақа равона нашудааст ва ба робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ таъсири манфӣ нахоҳад расонд.

Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории кишварро ба миён наоварда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат намекунад.

Аҳдномаи мазкур дар асоси Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон (13 январи соли 1993) ва Шартнома оид ба шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон (14 сентябри соли 2015) заминагузорӣ шудааст.

Санади зикршуда маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фирдавс ТОЛИБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо иштироку дастгирии бевоситаи шумо - вакилони муҳтарам Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 июли соли 2021, таҳти №1802, қабул гардида, амал карда истодааст. Қонуни мазкур, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани шаффофият, коҳиш додани ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ, бозгардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, фаъол намудани сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ амал менамояд, натиҷаҳои хуб нишон медиҳад. Бо назардошти самаранокии иқтисодии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҷиҳати вусъат бахшидани раванди қонунигардонӣ бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба тавассути қонунҳо аз 20 июни соли 2022, №1888, аз 22 июни соли 2023, №1965 ва 23 феврали соли 2024, №2043, амали қонуни мазкур, дар маҷмӯъ, то 5 январи соли 2025 тамдид гардида, дар натиҷа дастрасии қонун ба шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкорӣ беҳтар гардид.

Тибқи қонуни зикршуда қонунигардонии маблағҳои шаҳрвандон тавассути ташкилотҳои қарзии молиявии ваколатдор таҳти ҳамоҳангсозии Бонки миллии Тоҷикистон ва қонунигардонии дороиҳо аз ҷониби комиссияҳои махсуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо таҳти ҳамоҳангии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

Аз оғоз ва дар раванди марҳилаҳои татбиқи қонуни мазкур маблағгузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ бо афзоиши доимӣ бештар гардида, маблағҳо ба иқтисодиёти расмӣ баргардонида шуданд. Дар натиҷаи амали қонуни мазкур аз рӯйи маълумотҳои оморӣ ҳаҷми умумии маблағҳои қонунигардонидашуда ва миқдори шаҳодатномаҳои додашуда тамоюли назарраси афзоиш дошта, ҳамчун амонатгузории муҳлатноки бонкӣ, мубодилаи асъор ва сармоягузорӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти ҷумҳурӣ амалӣ гардидааст. Аз рӯйи маълумоти омории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунигардонии дороиҳо аз ҷониби комиссияҳои махсуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо низ натиҷаи назаррас дода, шумораи муроҷиатҳо ва шаҳодатномаҳои қонунигардонии молу мулки ғайриманқул тамоюли зиёдшавӣ доранд. Бо назардошти чунин натиҷаҳои мусбати марҳилаҳои татбиқи қонуни мазкур, ҳавасмандӣ ва муроҷиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ барои идома ёфтани ин раванд ва бо мақсади боз ҳам ғанӣ гардонидани иқтисодиёти миллӣ тавассути тақвияти минбаъдаи ҷалби сармоя, бахусус сармояи дохилӣ, тамдиди муҳлати қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳо ба як соли дигар ба мақсад мувофиқ ҳисобида мешавад.

Тибқи тағйироти пешниҳодшаванда муҳлати амали қонуни мазкур ба 12 моҳи иловагӣ тамдид карда мешавад. Ҳамзамон, тибқи тағйироти дигари лоиҳаи қонуни мазкур, дар қисми 1 моддаи 7 калимаи «се» ба калимаи «чор» иваз карда шуда, амали имтиёзҳои андозии дар ҳамин қисм зикршуда ба як соли дигар тамдид карда мешавад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш мекунам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мавлудахон Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавлудахон МИРЗОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо садоқат ба принсипи инсондӯстонаи худ бо хиради азалӣ дар асоси ҷумлаи дуюми моддаи 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода аз салоҳияти истисноиашон, ки дар таҷрибаи дигар давлатҳо кам ба назар мерасад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро пешниҳод намуда буданд, ки 2 июли соли 2021, таҳти №1802, қабул гардида, минбаъд ҷиҳати иҷрои банди 4-уми нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2022, таҳти №1, ба қонуни мазкур се маротибаи дигар тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Мақсади аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» фароҳам овардани шароити мусоид барои бозгардонидани дороиҳо, маблағҳо ва ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисоди миллӣ, таъмини шаффофият, коҳиш додани ҳиссаи иқтисоди пинҳонӣ ва фаъол намудани сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ равона шуда буд, ки он натиҷаҳои мусбатро ноил гашта истодааст.

Имрӯз низ ба баррасии шумо - вакилони арҷманд лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод шудааст.

Дар асоси тағйироти пешниҳодшуда ба моддаи 3 калимаҳои «чилу ду» ба калимаҳои «панҷоҳу чор» иваз карда шуда, муҳлати қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳо ба муҳлати 12 моҳ дароз карда мешаванд.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 7 қонуни мазкур шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дороиҳо (ба истиснои молу мулки ғайриманқул) ва маблағҳои худро тибқи қонуни мазкур қонунӣ мегардонанд, дар давраи то амалӣ гардидани қонунигардонӣ ва дар давоми се соли пас аз мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур аз пардохти андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва фоизу ҷаримаҳои ба чунин дороиҳо ва маблағҳои қонунигардонидашуда дахлдошта, инчунин, ба даромад аз онҳо, ба маблағҳои аз фурӯши дороиҳои қонунигардонидашуда дахлдошта озод карда мешаванд, ки муҳлати дар боло қайдгардида, дар асоси тағйироти пешниҳодшуда, дар давоми чор соли пас аз мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур амалӣ карда мешавад.

